«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор____________ Раҳмон Д.С.
«_20_» ____________соли 2022

# ХУЛОСАИ

Семинари илмӣ – методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод гардидааст.

**Маълумоти мухтасар дар бораи унвонҷӯ: -** Соли 2010 Ҳақназаров Толиб Меҳриддинович факултети математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣро аз рӯйи ихтисоси «Математика – информатика» хатм намудааст.

Соли 2016 ба шуъбаи аспирантура ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, таҳқиқоти илмӣ-амалии худро зери унвони «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» шуруъ намудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Дадобоева Мадина Солибоевна номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, декани факултети психологии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Мавзуи рисолаи илмӣ таҳти унвони «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тасдиқ карда шудааст.

Семинари илмӣ – методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баъди муҳокимаи диссертатсия ба чунин хулоса омад:

Диссертатсияи Ҳақназаров Толиб Меҳриддинович дар илми педагогика мавзуи нав буда, ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлилу таҳқиқи маҷмуъ ва низомнокии мавзуи мазкурро фаро мегирад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ:**

Ислоҳоти соҳаи таҳсилоти олии кишвар дар давраи муосир ба баланд бардоштани сифати омодагии мутахассисон равона гардида бошад ҳам, вале масъалаҳои омодагии умумии касбии мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогири кишвар (логопед, сурдопедагог, олигофренопедагог, тифлопедагог ва ғайраҳо) барои гурӯҳҳои махсуси мактабҳои олӣ, мутаассифона то имрӯз ба таври хеле маҳдуд мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд (И. Каримова, Б.Маҷидова, Л. Иматова, М. Дадобоева, А. М. Байзоев, Д. Каримова, Ҷ. Ҳакимова, З. П. Раҳмонов, Д. З. Раҳмонова, С. Д. Қувватов, Х. М. Сабуров, Б. Зулфонов ва дигарон).

Аз ин лиҳоз, дар ин масъала имрӯз мутахассисони тоҷик дар ин самт бо такя ба таҳқиқоти олимону мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогири хориҷӣ, бахусус рус фаъолияти худро ба роҳ мондаанд (Т.С.Зикова, Л.С.Виготский, М.С.Певзнер, Ж.Пиаже, И.М. Соловева, Ж.И.Шиф, Р. И. Лалаева, Н. Н.Малофеев, Т. В. Пелимская, Ф. Ф. Рау, Л. Н. Зуева, Е. Е. Шевтсова, Л. И. Белякова, Л. С. Волкова, Р. Е. Левина, О. В. Правдина, В. И. Селиверстов, Т. Б. Филичева, С.Холл ва дигарон). Таъкид ба ҳатмияти истифодаи

воситаҳои техникӣ-компютерии омӯзишӣ дар ҷараёни таълими мактаби олӣ дар таҳқиқоти М. А. Иноятова, Ф. С. Комилов, Б. Мирбобоева, М. Мирзоев, Х. Шарипов, С. Султонова, С. Афғонов, А.А.Андреев, В.И.Солдаткин, С.В.Титова, Д. В. Погуляев, Э. Г. Азимов, Т. З. Шарипов, С. В. Тришина, А. В. Хуторской, С. В. Панукова, А. А. Кузнецова, Е. С. Полат, А. Л. Андреев, Х. С. Замский, Л.Н.Чуксина ва дигарон ишора гардидааст. Таҳқиқ ва исбот гардидааст, ки воридсозии мувофиқи БТТК ба ҷараёни таълим. ба таври назаррас сифатнокиии омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳаҳои мухталифро баланд мебардорад (П. Лутфуллоева, Ш. Мирзоев, Х. Шарипов, З. Ҳалимова, С.Султонова, Т.Назиркулов, И. И. Олимов, З. А. Раҳимов, О. Г. Смолянинова, П. В. Сисоев, С. В. Титова, Е. И. Машбитс, И. В. Роберт, Н. С. Петришева, А. Л. Семенов, О. К. Филатов, Н.Л.Половникова, Д.В.Погуляев ва дигарон). Чунончӣ қаблан ишора шуда буд, мутаассифона то ба имрӯз дар соҳаи таҳсилоти олии соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла логопедии кишвари мо дар баробари дигар масъалаҳои мавҷудаи самти таҳсилоти фарогир, нақш ва вазифаҳои барнома ва технологияи таълими компютери муайян нагардидаанд, ки ин норасогӣ дар ихтисосҳои сурдопедагогика, олигофренопедагогика ва тифлопедагогика низ ба таври назаррас мушоҳида мегардад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – таҳияву коркард ва ворид намудани барномаи компютерии ислоҳи нуқсони нутқии алалия ба раванди таълими касбии донишҷӯ- логопед.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Омӯзиши ташаккул ва инкишофи хусусиятҳои педагогӣ-психологии кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ дар мисоли алалия бо воситаи адабиёт ва таҳқиқотҳои мавҷуда;

2. Таҳлил ва ташхиси амалӣ- методии таълиму тарбияи кӯдакони нуқсонҳои нутқидошта дар мисоли алалия;

3. Исбот ва тавсифи зарурияти истифодаи барномаву технологияҳои компютерӣ ва муқаррарнамоии нақшу вазифаҳои онҳо дар ташаккули дараҷаи касбияти донишҷӯ- логопед;

4. Таҳия ва коркарди барномаи компютерии ба ташаккули маҳорати касбӣ ва инкишофи тафаккури донишҷӯи ихтисоси логопед таъсиррасонанда (дар мисоли нуқсони нутқии алалия);

5. Татбиқи озмоишии барномаи компютерии коркардшуда бо мақсади ташаккули маҳорати касбӣ ва дараҷаи малакаву дониши донишҷӯ - логопед.

**Объекти таҳқиқот** – барномаҳои компютерӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати омодагии касбии донишҷӯ- логопед ҳангоми ташхиси вайроншавии нутқи кӯдакон (дар мисоли алалия).

**Предмети таҳқиқот** – роҳҳои коркарду истифодаи барномаҳои компютерии таълими кӯдакони нуқсони нутқидошта (дар мисоли алалия) дар раванди таълими донишҷӯ-логопеди мактаби олӣ.

**Фарзияи таҳқиқот** – таҳия, коркард ва воридсозии барномаҳои компютерӣ ба раванди таълим ва омодасозии касбии донишҷӯ-логопед дар мактаби олӣ таълимро босифат хоҳад кард, агар:

- таҷрибаи донишҷӯ-логопед ба сифати донишҷу-логопеди ояндаи дорои касбияти баланд дар ташхиси сабаб ва омилҳои пайдоиши нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакон, аз ҷумла алалия бо истифодаи БТТК дар амал татбиқ гардад;

-фаъолияти пурмахсули инфиродии донишҷӯ-логопед дар машғулиятҳои гурӯҳӣ бо пешниҳоди кӯмаки мазмунноки марҳилавӣ дар ҳар як давраи иҷрои машқҳои касбӣ, маълумотҳои оморӣ бо натиҷаҳои таҳлилии фаъолияти ҳар як донишҷӯ роҳандозӣ гардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот:** Рисолаи мазкур барои соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла логопедияи ватанӣ роҳи нави таҳқиқотро мекушояд, яъне коркарду таҳия ва истифодаи самараноки барнома ва технологияҳои компютерӣ раванди тайёрии касбии донишчу-логопед дар мактаби олиро таъмин хоҳад кард.

Натиҷаҳои таҳқиқотро асосан дар таълими фанни «Логопедия», аз ҷумла қисмати «Алалия», ки минбаъд ба омӯзиши масъалаҳои назариявии таълими логопедия бо истифодаи барнома ва технологияҳои компютерӣ дар мактаби олӣ мусоидат мекунанд, истифода бурдан мумкин аст.

**Сарчашмаи маълумот:** Ба сифати сарчашмаи асосии диссертатсия ин китобҳои дарсӣ, матни автореферат ва диссертатсияи илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ истифода шудаанд. Дар баррасии масъалаҳои нутқсонҳои нутқӣ китобҳои Л.С.Волкова, С.Н. Шаховской, Дадобоева М, Рау Ф.А., оиди истифодаи технологияи иттилоотӣ диссертатсияҳои Лопатина Л.В., Моисеев В.Б., Назарова Н.М. мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ** дар асоси хусусияти предмет, объект ва вазифаҳои таҳқиқот интихоб гардида, иборат буданд аз ташхис, батартибдарорӣ ва ҷамъбасти маълумотҳои адабиётӣ, методи лоиҳавӣ, озмоиши таълимӣ ва эксперименталӣ, ташхиси миқдорию сифатии натиҷаҳои онҳо.

**Давраҳои таҳқиқот**

**Пойгоҳи таҳқиқотиро** заминаҳои факултети «Психология ва таҳсилоти фарогир»-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ (20 нафар

донишчӯёни ихтисоси логопедия) ва Маркази ислоҳи нутқ ва шунавоии кӯдакони синни томактабии «Чашмаи Умед»-и ш.Душанбе (10 нафар) ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он таҷассум меёбад, ки бори аввал раванди ташаккули заминавии қисмати асосии фаъолияти касбии донишҷӯ-логопед, яъне маҳорати таҳлил ва гурӯҳбандии нуқсонҳои нутқии алалия дар сохтори нуқсонҳои нутқии гуногуни кӯдакон бо истифода аз барнома ва технологияҳои компютерӣ пешниҳод гардид; нақш, мавқеъ ва вазифаҳои барнома ва технологияҳои компютерӣ дар ин раванд асоснок гардидаанд; барномаи намунавии компютерии барои ин раванд зарур коркард гардид (тасвирӣ-намоишӣ, таълимӣ ва ғ.); бо воситаи озмоиш сифатнокии истифодаи барномаи намунавии компютерии коркардшуда дар ҷараёни ташаккули салоҳиятнокии касбии донишҷӯ- логопед исбот гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Омодагии касбии донишҷӯ- логопед ҳангоми кор бо кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқии дараҷаи вазнин (дар мисоли алалия) дар марҳилаи нав таҷдиди назар ва азнавсозии роҳҳои ташаккули маҳорати касбиро дар асоси истифодаи БТТК талаб мекунад.

2.Бо воситаи БТТК имконпазир мегарданд:

-тамошо ва гӯш кардани якчандкаратаи намунаҳои нутқи кӯдакон дар шакли сабти аудио-видеоӣ, ки ба туфайли он дар шароити таълими аудиторӣ донишҷӯ-логопед таҷрибаи зиёди таҳлили нуқсонҳои фонетикии нутқи кӯдаконро ба даст меорад;

-истисноии барқасдонаи идроки шунавоӣ ва биноии нутқи кӯдак бо таъмини имконияҳои баҳодиҳии қисмати фосилавӣ ва талаффузии нутқи нуқсондори фонетикӣ;

3. Дар шароити аудиторӣ таъмин намудни ташхиси логопедии якчанд ҳолатҳои махсуси кӯдакона бо интихоби кушоди пайдарҳамиву мундариҷаи амали мутахассис бо тафтиши автоматнии натиҷаҳои ташхиси гузаронидашуда, ислоҳнамоии мустақилонаи хатоиҳои роҳдодашуда ва азнавтафтишнамоии автоматӣ.

4.Ворид намудани барномаи компютерии коркардшудаи «Машғулияти ислоҳи алалия бо воситаи бозии компютерӣ» ба раванди таълим имконият медиҳад, ки яке аз қисматҳои фаъолияти касбии донишҷӯ- логопед маҳорати ошкорсозӣ ва гуруҳбандии нуқсонҳои фонетикӣ дар сохтори нуқсонҳои гуногуни нутқӣ ташаккул ёбад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**: консепсияи муносибати системанок ба омӯзиш ва ислоҳи нуқсонҳои нутқӣ (Т.В.Розанова, Т.А.Власова); муносибати фаъолона ба таълим (Л. С. Виготский, А.Г.Зикеев, Л.П.Носкова, К.Г.Коровин); консепсияи истифодаи барнома ва воситаҳои таълимии компютерӣ (Е.Л.Гончарова, Т.К.Королевская, В. В. Давидов, О.И.Кукушкина, В. В. Рубцов ва дигарон).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** таъмин мегарданд бо заминаҳои методии таҳқиқот; бо маҷмуиятнокӣ ва мувофиқии методҳои таҳқиқот ба вазифаҳои гузошташуда, инчунин мутобиқатии натиҷаҳои ташхиси миқдориву сифатӣ; бо мутобиқнамоӣ ва истифодаи самарноки БТТК дар раванди таълим ва омодагии касбии донишҷӯ-логопед.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:**

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ

(сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) и мувофиқат мекунад:

- *банди 1.* Таҳияи назарияи таълими фанҳои мушаххас аз ҷумла дар сатҳи байнитахассусӣ; фаъолияти навоварӣ ва таҷрибавии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи таълим аз рӯйи соҳаҳои дониш ва сатҳи таҳсилот;

- *банди 2.* Таҳкики иктидорҳои инкишофӣ ва тарбиявии фан дар равандҳои таҳсилотӣ;

- *банди 3.* Таҳияи мундариҷаи консепсияҳои фан дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот; мундариҷа, усул ва шаклҳои ташкили таълим дар шароити шакливазкунӣ, иттилоотонӣ ва ҷаҳонишавии ҷараёнҳои ҷомеавӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ;

- *банди 4.* Таҳияи технологияи навоварии таҳсилот ва шаклҳои ташкили омӯзиш.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки дар заминаи омӯхтан, таҳлил намудани тадқиқотҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ, заминаҳои назариявию амалӣ, таҷрибаи муассисаҳои кишварҳои пешсаф дар соҳаи таҳсилоти фарогир имконияти таъмини дастгирии компютериро дар ташаккули донишу малака ва маҳоратҳои касбии донишҷӯёни ихтисоси логопедия муайян намуд: бо таҳияву коркарди барномаи компютерии «Машғулияти ислоҳи алалия бо воситаи бозии компютерӣ» ва бо ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аҳамияти истифодаи воситаҳои технологиро дар таъмини муҳити омӯзишӣ ва самаранокии омодасозии донишҷу-логопед муқаррар намуд.

**Тасвиб ва амалисозии натичаҳои диссертатсия:** -дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалии илмӣ-амалӣ, тренингҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳо оид ба масъалаҳои назария ва амалияи омӯзишу парвариш; -гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласа ва семинарҳои илмӣ-методии факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва Маркази технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионии Коллеҷи омӯзгории назди ДДК ба номи А.Рӯдакӣ; -маърӯзаҳо дар конференсияҳои солонаи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва ДДК ба номи А.Рӯдакӣ; -суханронӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ оид ба назария ва методикаи таълими донишҷӯёни ихтисосҳои информатика ва дефектология, аз ҷумла логопедон.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия:** Натиҷаҳои асосӣ дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Паёми ДМТ, Паёми ДДК ба номи А Рӯдакӣ, маҷмуаҳои маводҳои конфронсҳо инъикос ёфтаанд; аз санҷиши зарурӣ гузаштанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳои васеъ баррасӣ шудаанд, дар 10 мақола инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тавсиявии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**[1- М]** Ҳақназаров Т.М Мавқеи технологияи иттилоотӣ дар ҷараёни таҳсилоти фарогир /маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишӣ Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ бахши 2 Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим №4(4). 2020- С 302-308. -0,4375 ч.ч

**[2- М]** Ҳақназаров Т.М Тавсифи алалия яке аз нуқсонҳои нутқи ва роҳҳои ҳали он / маҷаллаи илмии Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон шумораи №3(40). 2021-С 57-64. - 0,5 ч.ч

[3- М] Ҳақназаров Т.М Роҳҳои омадасозии кӯдакони нуқсони нутқидошта ба мактаб / маҷалаи илмии Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон шумораи №3(40). 2021-С 47-54. - 0,5 ҷ.ч

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шуданд:**

[4- М] Ҳақназаров Т.М. Технологияи иттилоотӣ, манбаи баланд бардоштани сифати таҳсилот барои кӯдакони имконияташон маҳдуд Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб Маҷаллаи илмӣ оммавии « Илм ва технологияи асри XXI» соли 2020 №4(4). -С 80-83. -0,1875 ҷ.ч

[5- М] Ҳақназаров Т.М. Омадасозии кӯдакони нутқидошта дар мактаб / Коллеҷи омузгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ « Фуруғи-илм» (маҷаллаи илмӣ) №1.-С 145-146. - 0,125 ҷ.ч

[6- М] Ҳақназаров Т.М. Технологияи иттилоотӣ дар раванди дарс/ Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон "Маорифи Тоҷикистон" №12 2021.- С 25-29. -0,3125 ҷ.ч

[7- М] Ҳақназаров Т.М. Зарурати технологияи иттилоотӣ / маҷаллаи таълимию маърифатии ва иттилоотӣ "МАКТАБ" №12 ,2021.-С 4-5. - 0,125 ҷ.ч

[8- М] Ҳақназаров Т.М. Технологияи иттилоотӣ дар ҷараёни таҳсилоти фарогир дар донишгоҳҳои олӣ / Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникӣ Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ (маводи конфренсияи илми-назарявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Аҳамияти омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзи дар рушди саноати кишвар" Душанбе 2022. -С 142-147. - 0,375 ҷ.ч

[9- М] Ҳақназаров Т.М. Тоҷикистон бояд модели пешрафти худро дар соҳаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсия дошта бошад/ Современные информационно коммуникационные технологии инструмент повышения качества образования Худжанд 2008. -С 10-14. - 0,3125 ҷ.ч

[10- М] Ҳақназаров Т.М. Компютер ва дигар воситаҳои электронии таълим/ Цифровая молодежь Центральной Азии.-Душанбе 2009 -С 10-11. -0,125 ч.ч

Кори диссертатсионии Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида буда, ба талаботҳои пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ", ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, № 505 тасдик шудааст ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияи мазкур сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» ба талаботи КОА-и ҶТ ба шифри 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) мутобиқат мекунад ва ба ҳимоя пешниҳод мешавад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) (илмҳои педагогӣ) кори мустақилона ва баанҷомрасида ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва

логопедия) (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя тавсия гардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030 назди Пажӯишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734363, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. С.Айнӣ, 126, тел.: 225 84 05) пешниҳод карда шавад.

Хулосаи семинари илмӣ – методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар суратҷаласаи №4 аз 20.10.2022 омода гардидааст.

**Раиси семинари илмӣ – методии раёсати илм ва инноватсия:**
сардори раёсати илм ва инноватсияи
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
н.и.п., и.в. дотсент Самариддинова З.Н.

**Муқарризон:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
Мудири кафедраи таҳсилотӣ томактабӣ
ва кори иҷтимоии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шарипов Б.Ф.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
Мудири кафедраи умумидонишгоҳи
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Лоиқов П.Ҷ.

Котиби семинари илмӣ – методӣ,
муаллими калон Сулаймонов У.И.

*Имзои Самариддинова З.Н., Шарипов Б.Ф, Лоиқов П.Ҷ. ва Сулаймонов У.И. – ро тасдиқ менамоям.*

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
**Маълумот барои тамос:** Телефон: (+992 33 22) 2-35-06, E-mail: info@kgu.tj

Сардори РК ва КМ-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.